То соли 1997 Кувваҳои Мусаллаҳи Чумхурии Точикистон ба се навъи асосӣ, яъне Кӯшунхои хушкигард, Кувваҳои харбӣ-хавоӣ ва Кӯшунхои мудофиаи зидди хавоӣ таксим шудаанд.  Ба гайр аз чузъу томхои тобеи навъхои Кувваҳои Мусаллах, хамзамон дар тобеияти Вазорати мудофиа кисму вохидхои низомии алохида низ фаъолият менамоянд. Аз чумлаи онхо Литсейи харбӣ, Донишкадаи харбӣ, Полки комендантӣ, кисмхои харбии таъминотӣ ва дигар идорахои харбӣ мебошанд, ки аксари онхо аз солхои аввали ташкилёбии Артиши миллии Точикистон таъсис ёфта, вобаста ба ичрои вазифахои мухими сохавӣ корхои зиёдеро амалӣ менамоянд.     Дар натичаи ислохоти харбӣ дар Артиши миллии Точикистон, ки аз рӯзхои бунёди Кувваҳои Мусаллах огоз гардида, он ханӯз идома дорад, корхои хеле зиёд ба сомон расонида шуданд. Дар ин замина Сарситод ба Ситоди генералӣ табдил ёфт, Кувваҳои харбӣ-хавоӣ ва мудофиаи зидди хавоӣ муттахид гардонида шуд, дар заминаи Колечи Олии низомӣ Донишкадаи харбӣ таъсис ёфт, дар сохтори бисёре аз кисмхои низомӣ дигаргунихои зиёд ворид карда шуд  ва аз хама мухим бо назардошти тахдиди хатархои чахони муосир навъи сеюми Кувваҳои мусаллах, ё худ Кӯшунхои зудамал дар хайати Артиши миллии Точикистон таъсис дода шуд.